**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна таҳти унвони «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D012000 -Таълими касбӣ (6D012001.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ)**

Мавзӯи таҳқиқотии Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна таҳти унвони «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» ба масъалаи муҳим ва мубрам бахшида шуда, дар муқаддима оид ба аҳамияти мавзӯъ бо далелҳо асоснок намуда, объект, предмет ва масъалаи таҳқиқотро муайян намуда, аҳамияти ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос баён намуда, нуқтаҳои назари хешро бо афкори олимони классикӣ ва муосири илми педагогика ва психология асоснок кардааст.

Боиси зикр аст, ки аз тарафи Ӯзбекова М.А. аз сарчашмаҳои илмиву луғатӣ фаровон истифода бурда шуда, аҳамияти назариявию амалии мавзӯи диссертатсияро дар асоси хулосаҳои дақиқ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос баён намуда, навгониҳои таҳқиқотро, ки арзиши баланди илмиро соҳиб аст, пешниҳод кардааст.

Диссертант дар асоси таҳлили фикру ақидаҳои олимони шинохта ба хулосае омадааст, ки эҷодиёт тарзи беҳтарини худшиносӣ аст, зеро шинохти ҳаёти (соҳаи) ҳиссиёти худ тавассути тақвияти диққат ба эҳсосоти худ, вижагиҳои шахсиятӣ, тахайюл, тафаккур, муносибатҳо сурат мегирад. Эҷодиёт раванди фаъолиятест, ки маводу арзишҳои маънавии сифатан нав ба вуҷуд меорад ё интиҳои офариниши чизи объективан нав мебошад. Меъёри асосие, ки эҷодиётро аз сохтан (истеҳсолот) фарқ мекунонад, нодир будани натиҷа мебошад. Масъалаи қобилият низ ҳамеша диққати олимонро ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам

аз нуқтаи назари амалия ба худ чалб мекард. Шахсият маҳз ба воситаи қобилиятҳояш субъекти фаъолият дар ҷамъият мегардад. Инсон тавассути ташаккули қобилиятҳояш ба маънои касбию шахсиятӣ ба қуллаи худ мерасад. Қобилияти эҷодӣ қобилияти қарори эҷодӣ қабул карда тавонистани инсон, ғояҳои принсипан навро қабул ва ба вуҷуд оварда тавонистани ӯ мебошанд. Ба хусусиятҳои қобилияти эҷодӣ ҳамчунин чандирии (тағйирпазирии) ақл, аслият, суръати фикрро мансуб медонанд. Ғайр аз ин, он нукта, ки донишҷӯ ҳангоми машғулият, корро мисли ҳама иҷро намекунад, низ нишондиҳандаи қобилияти эҷодӣ мебошад.

Чӣ хеле, ки бармеояд, диссертатсия аз 2 боб ва 6 зербоб иборат буда, боби якум "Асосҳои назариявии ташаккули қобилият" номгузорӣ шудааст ва дар он таърихи пайдоиши эҷодиёт дар асарҳои мутафаккирони ҷаҳонӣ, омилҳои психолого-педагогӣ оид ба ташаккули қобилияти эҷодӣ ва имкониятҳои фанни тарҳрезии либос барои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён баррасӣ гардидааст.

Боби дуюм "Мазмун ва таркиби фаъолияти касбии мутахассисони дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни "Тарҳрезии либос" ном гирифтааст, ки он фарогири шароитҳои педагогии ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён, ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос ва натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ оварда шудааст.

Ҳамин тариқ, аз мулоҳизоти илмии муаллиф Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна метавон ба хулосае омад, ки асоси ташаккули таҷрибаи фаъолияти эҷодии таълимӣ, механизми "худташкилкунию худтанзимкунӣ" – и шахсияти донишҷӯро ташкил мекунад. Дар раванди тарҳрезии либос ошкор сохтани фардияти донишҷӯ низ хеле муҳим аст, зеро он ба фаъол гардидани таълим ва қобилияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои дар назди донишҷӯ гузошта мусоидат мекунад.

Кори мустақилонаи донишҷӯён, агар ташкили он хуб ба роҳ монда шавад, маъмулан донишу маҳоратҳои нисбатан пойдор, чуқур фаҳмидани моҳияти ин намуди фаъолиятро таъмин менамояд, ба ташаккули шавқу рағбат нисбат ба технологияҳо мусоидат мекунад. Ғайр аз ин маҳорат ва талаботи мустақилона аз худ кардани онҳоро ба вуҷуд меорад ва, аз ҳама муҳиммаш, қобилият ба эҷодиёт дар намуди дилхоҳи фаъолият ташаккул меёбад.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна таҳти унвони «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» таҳқиқоти ба анҷом расонида ба ҳисоб рафта, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D012000-Таълими касбӣ (6D012001.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) сазовор дониста мешавад.

***Муқарриз:***
***Мудири кафедраи таълими технология ва соҳибкорӣ, н.и.п., дотсент:*** ***Муминов Ф.У.***

***Имзои мудири кафедраи таълими технология ва соҳибкорӣ, н.и.п., дотсент Муминов Ф.У.-ро тасдиқ мекунам.***
***Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ*** ***Назаров Д.***

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС